**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор_____________Қурбонзода М.Р.

«________» майи соли 2024

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», ба диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Дар замони рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ телевизион ҳамчун яке аз дастрастарин расонаи иттилоотӣ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Накши телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои электронии ахбори омма дар пойдории истиқлолияти давлатӣ, сулҳу вахдат, тарбияи фарҳангии шаҳрвандон, баррасиву инъикоси проблемаҳои ҳаёти ҳамарӯза, рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва сохторҳову дастовардҳои сокинони кишвар бениҳоят калон аст. Аз ин рӯ, ба пажӯҳиш кашидани мавзуҳои соҳаи телевизиони ватанӣ ва пешниҳоди муфид бахри беҳтар намудани фаъолияти ин расона муҳим ба ҳисоб меравад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои

телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамияти мавзуъ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии довталабро нишон медиҳанд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант маҳсуб донист. Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба жанрҳои журналистикаи телевизион дар журналистикаи тоҷик мусоидат менамояд. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва шеваҳои таҳқиқи сохторӣ босамар истифода намудааст. Тибқи андешаи диссертант мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии ватанӣ ноустувор буда, аз ин жанр истифодаи ангуштшумор ба мушоҳида мерасад. Истифодаи жанри репортаж барномаҳои иттилоотии телевизионҳои ватаниро рангорангу диданбоб ва нишонрас хоҳанд кард.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор гирифта, муайян карда шудааст. Вобаста ба он нақши ин жанр дар низоми иттилоърасонии

фаъолияти журналистӣ тариқи барномаҳои иттилоотии телевизионӣ таҳқиқ ёфта, усулҳои беҳтари истифодаи он илман пешниҳод карда шудааст.

**Аҳаммияти назарии** кори таҳқиқии Мулоева Нишона Сангмадовна бо он асоснок мегардад, ки натиҷаи пажӯҳиш ва хулосаҳои пешниҳодгардида донишҳои назариявиро дар бораи мавқеи жанри репортажи телевизионӣ васеъ намуда, метавонанд дар пажӯҳишҳои оянда истифода бурда шавад. Муҳтавои диссертатсия бахусус дар таҳқиқи репортаж ҳамчун яке аз жанрҳои асосии телевизион замина фароҳам меоварад. Диссертатсия дар шинохти жанри репортажи телевизионӣ, мавқеи он дар барномаҳои иттилоотии телевизион манбаи нави илмӣ буда, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти нави таҳқиқи илмӣ ба ҳисоб меравад.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст масъалаи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионӣ ва вобаста ба ин дигар масъалаҳо пажӯҳиш шудааст. Маводи диссертатсияро барои таълими репортажи телевизионӣ дар мактабҳои олӣ, низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи телевизион, ташкили курсу семинарҳо дар факултету шуъбаҳои рӯзноманигорӣ ва таҳияи китобу дастурҳои дарсӣ истифода бурдан мумкин аст.

Сохтори диссертатсия низоми муайяни илмиро касб намудааст. Ҳар боб шомили се фасл аст. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳам алоқамандии мантиқӣ ва шаклӣ доранд.

Дар боби аввали дисертатсия – **«Репортаж дар низоми жанрҳои иттилоотӣ»** бештар ба вижагиҳои жанри репортаж, умумият ва фарқияти он, технологияи инноватсионӣ ва таҳаввулоти жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

Диссертант дар заминаи маводи зиёди сарчашмавию илмӣ ва таҳлилҳо муайян намудааст, ки репортажи телевизионӣ бо вижагиҳои хоси худ аз дигар жанрҳои хабарии матбуот ва радио фарқ мекунад. Табиати телевизион талаб мекунад, ки иттилоот асосан ба воситаи навор ба бинанда пешниҳод гардад. Матн ҳамчун пуркунандаи навор ба тариқи

кӯтоҳбаёнӣ истифода мешавад. Дониста истифода бурда тавонистани жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион аз касбият дарак медиҳад.

Жанри репортаж дар матбуот ва радио низ васеъ истифода бурда мешавад, вале дар телевизион яке аз жанрҳои асосӣ ба шумор меравад. Телевизионро бе репортаж тасаввур кардан номумкин аст. Зеро маҳз дар телевизион журналистро дар ҷойи воқеа дидан мумкин аст, ки ба бинанда иттилоъ медиҳад.

Хабар додан аз навигарӣ мақсади жанрҳои дигари иттилоотӣ низ мебошад. Вале дар репортаж ба плани аввал дарки шахсии рӯйдод, ҳодиса, ҷудо карда гирифтани факт аз тарафи муаллифи репортаж мебарояд, ки мухолифи хусусияти ҳақиқатнигории ин жанри иттилоотӣ нест. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои асосӣ он аст, ки мухбир бояд иштирокчии воқеа бошад. Агар дар хабар танҳо дар бораи рӯйдод маълумоти мухтасар дода, маълум карда шавад, ки чӣ воқеа рӯй дод. Дар репортаж нафақат чӣ воқеа рӯй доданаш, балки чӣ хел рӯй доданаш ҳам, нишон дода мешавад.

Мавзуи баҳси боби дуюми диссертатсия – **«Таносуби корбурди жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионӣ»** хусусиятҳои хоси барномаҳои иттилоотии телевизионӣ, мавқеъ, нақш ва таносуби истифодаи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»-ро ташкил медиҳад.

Дар фасли аввали боби дуюм - **«Хусусиятҳои барномаҳои иттилоотӣ ва жанри репортаж дар телевизиони «Тоҷикистон»»** вижагиҳои хоси барномаҳои иттилоотии телевизионӣ ва нақши жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотӣ ва рангоранг гардонидани он дар телевизиони «Тоҷикистон» таҳқиқ шудааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм - **«Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони «Ҷаҳоннамо»»** бобати шабакаи иттилоотии телевизиони «Ҷаҳоннамо» ва мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии ин телевизион ба пажӯҳиш кашида шудааст.

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия - **«Таҳлили таносуби истифодаи репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»»** ба таҳқиқи таносуби истифодаи репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» бахшида шудааст.

Аз таҳлилу таҳқиқоти мавзуи рисолаи диссертатсионӣ диссертант Муллоева Нишона Сангмадовна ба хулосаи илман дуруст омада таъкид менамояд, ки дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» жанри репортажро дар мавридҳои хос – инъикоси мушкилот, таҷлили чорабиниҳои умумимиллӣ, ифтитоҳи иншоот ва комплексҳои сохтмони бузург ва монанди ин истифода менамоянду халос. Дар умум жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии ватанӣ ангуштшумор ба мушоҳида мерасад. Шабакаҳои телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» дар самти бо хабарҳои муҳимми ватаниву хориҷӣ таъмин намудани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши зиёд мекунанд. Ҳарчанд стандарт ва ё меъёри таҳия ва пахши барномаҳои иттилоотӣ ва махсусан истифодаи жанри репортаж дар он ба мушкилоти гуногун мувоҷеҳ аст, фазои иттилооти тоҷик холӣ нест. Бо вуҷуди ин ба шабакаҳои телевизионии ватанӣ тавсия дода мешавад, ки барои пурқувват кардани барномаҳои иттилоотии хеш истифодаи намудҳои жанри репортажи мустақим ва ғайримустақимро зиёд намуда, мавқеи онро баланд ва бо ин барномаҳои иттилооти хешро нишонрас, рангорангу ҷолиб гардонанд.

Дар диссертатсия баробари комёбиҳои илмию таҳқиқотӣ баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиат хоҳад шуд:

1. Азбаски дар журналистикаи хориҷӣ жанри репортаж собиқадор аст, диссертант мебоист аз назарияи муҳаққиқони хориҷа васеъ истифода мекард, вале дар диссертатсия истифодаи ками он ба мушоҳида мерасад.

2. Ба андешаи мо хуб мебуд, ки номи боби дуюм “Таносуби корбурди жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионӣ” бо

унвонии “Истифодаи намудҳои жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионӣ” иваз карда мешуд, мантиқан ба мавзуи диссертатсия рост меомад.

3. Агар фасли алоҳидае дар боби дуюми диссертатсия бобати истифодаи ҷузъи жанри репортаж дар барномаҳои таҳлилии телевизионӣ низ бо овардани мисолҳои мушаххас ба таҳқиқ кашида мешуд, диссертатсия боз ҳам мукаммал мегашт.

4. Барои таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуъ истифодаи репортажҳо бо усули технологияҳои нави иттилоотӣ – чандрасонаӣ муҳим аст. Хуб мешуд, ки репортажҳои бо усули чандрасонаӣ омодагардида низ мавриди таҳқиқ қарор мегирифтанд.

5. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор мебошад.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро намудааст. Диссертатсия таҳқиқоти мустақил буда, аҳаммияти назариву амалӣ дорад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо», (солҳои 2010-2022))» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва 8 мақолаҳои илмии ба чоп расонидаи Мулоева Нишона Сангмадовна, ки 3-тои онро мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Маводи интишоргардида

нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

**Хулоса,** диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва умқу вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Маҳкамзода Дилором Юнус омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур аз 14-уми майи соли 2024, суратҷаласаи №10 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 7 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филология, дотсент,
мудири кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав» **Шарипов С.И.**

**Эксперт:**

номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Маҳкамзода Д.Ю.**
14 майи соли 2024.

**Котиби илмии ҷаласа:**

номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Маъмурзода Н.М.**

Имзоҳои Шарипов С.И., Маҳкамзода Д.Ю. ва Маъмурзода Н.М. – ро тасдиқ мекунам: **Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** **Шукурзод Ҷ.А.**
**14 майи соли 2024**

**Суроғаи муассисаи пешбар:**

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: http: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj